# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Шоири халқии Тоҷикистон Толиб Карими Озарахш аз зумраи адибони муосир мебошад, ки бо забони пурғановат, услуби ба худ хос ва истеъдоди фитриву андешаҳои амиқ ва навпардозиҳояш таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва ҳаводорони шеъри имрӯзи тоҷикро ба худ ҷалб намудааст. Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич дар рисолаи номзадии худ «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» вижагиҳои ашъори ин шоири ширинкаломро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Аз таҳлилу баррасиҳои диссертант маълум мегардад, ки дар илми адабиётшиносии тоҷик то имрӯз перомуни поэтикаи ашъори Озарахш ягон таҳқиқоти монографӣ ва кори диссертатсионӣ анҷом дода нашудааст. Рисолаи «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» аввалин кори пурраи тадқиқотӣ доир ба эҷотиёти Озарахш мебошад.

Автореферати диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» аз муқаддима, се бобу сездаҳ фасл ва се зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, аннотатсия бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ иборат мебошад.

Дар муқаддима диссертант таъкид мекунад, ки то имрӯз дар нақди адабии тоҷик доир ба ҷанбаҳои гуногуни эҷодиёти Озарахш танҳо адабиётшиносон Замира Ғаффорова, Амирҳамза Боқиев, Сурайё Ҳакимова, Шодиқул Шариф, Бахром Мирсаидов тавассути мақолаҳои ҷудогонаи худ изҳори андеша намудаанду халос. Дигар ягон тадқиқоти комил дар ин замина ба чашм намехурад.

Боби якуми диссертатсия «Зиндагиномаи Озарахш ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик» ном дошта, аз фаслҳои «Мақоми Озарахш дар адабиёти муосир ва мавзуоти ашъори ӯ», «Вижагиҳои «Ватаннома»-и Озарахш», «Тасвири отифии зодгоҳ дар шеър» ва «Баррасии масоили

мубрами ҷомеаи башарӣ дар шеъри Озарахш» иборат аст. Диссертант дар ин қисмати рисолаи худ дар бораи зиндагиномаи шоир маълумот дода, ба қадри имкон мақоми Озарахшро дар майдони адабиёт муайян менамоя. Гӯшзад менамояд, ки Озарахш ниёзмандиҳои башеърдоштаи мардуми тоҷикро ба ҳисоб гирифта, шеър эҷод менамояд, инчунин муаллифи рисола мавзуъот, ашъори маҷмуаи «Ватаннома», тасвири зодгоҳ ва масоили ҷомеаи башариро дар эҷодиёти Озарахш ба риштаи таҳлил гирифта, андешаҳои ҷолиби диққат баён мекунад, ки қобили қабул мебошад.

Боби дуюми рисола «Анъана ва навоварӣ дар ашъори Озарахш». Фаслҳои «Алоқаи суннатҳои овозхонӣ ва мусиқии шеъри ӯ», «Тобишҳои иҷтимоӣ дар ашъори Озарахш», «Гиромидошти арзишҳои миллӣ дар шеъри ӯ», «Навпардозиҳои Озарахш дар жанрҳои суннатӣ», «Навпардозиҳои шоир дар шеърҳои озод ва андешарезаҳо» - ро дар бар мегирад.

Дар ин боби рисола муаллиф дар бораи навоварӣ, мусиқӣ, тобишҳои ичтимоӣ, тозапардозиҳо дар ашъори шоир ва ҳунари шоирии Озарахш изҳори андеша менамояд. Таъкид менамояд, ки Озарахш шоири ҳассос буда, мусиқиро на танҳо дар шеър балки дар ҳамаи заруроти ашёи олам ба мушоҳида мегирад. Дар баробари шеър мусиқиро хуб мефаҳмаду таронаҳоро ба садои форамаш хуб иҷро мекунад. Шояд, ҳамин дарки баланди мусиқӣ аз тарафи шоир хушоҳангию равонии шеъри ӯро таъмин намудаанд.

Дар баробари ин, диссертант дар бораи тозапардозиҳои шоир дар шеъри суннатӣ ва нав, ҳунари шоирии ӯ бо мисолҳои мушаххас андешаронӣ намудааст.

Боби сеюми рисола «Сохт ва бадеияти шеъри Озарахш» номгузорӣ шуда, аз фаслҳои «Вазни ашъори Озарахш», «Нақши қофия дар ашъори шоир», «Радиф дар ашъори Озарахш», «Тасвирҳо ва бозёфтҳои шоиронаи ӯ», «Санъатҳои бадеӣ дар шеъри Озарахш», «Тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори шоир», «Забон ва сабки фардии Озарахш» иборат аст. Муаллифи рисола дар ин боби рисолаи худ собит месозад, ки 95 дарсади ашъори Озарахшро ғазал ташкил медиҳад ва ҳамагӣ дар вазнҳои хушоянду марғубу мутантану

дилнишини арӯз буда, ашъори мудерну нимоии шоир низ дар вазни арӯз суруда шудааст. Шоир дар интихоби мавзуъ ва вазни шеър бисёр ҷиддӣ муносибат карда, якеро ба дигаре хуб тавъам намудааст. Яке аз комёбиҳои эҷодии шоир низ дар ҳамин арзёбӣ мегардад, дар шеъри шоир ҳам баҳрҳои солим ва ҳам бахрҳои фаръӣ истифода шудаанд. Дар рафти таҳлилу баррасии вазн ва корбурди баҳрҳои арӯз дар ашъори Озарахш диссертант барои тақвияти гуфтаҳои худ, абёти зиёдеро аз ашъори ӯ намуна меорад, ки ҷолиби диққатанд.

Инчунин, муаллифи рисола дар ин қисмат аз истифодаи қофияҳои солиму хушоҳанг, радифҳои тару тоза, истифодаи бо мавриди санъатҳои бадеӣ, тозагӯиҳо дар шеър, ҳунари шоирӣ ва забону сабки баёни Озарахш бо овардани намунаҳои зиёд андешаронӣ мекунад.

Дар қисмати хулосаи рисола, диссертант натиҷаҳои ба дастовардаи худро аз омӯзиши ашъори Толиб Карими Озарахш бо овардани 16 намуна ҷамъбаст намуда, пешниҳоди аҳли илм мекунад. Хулосаҳое, ки муаллифи рисола ба хонанда пешкаш мекунад, ҷолиби диққат буда, ҳусну қубҳи ашъори Озарахшро ба қадри имкон баҳогузорӣ кардааст.

Дар баробари комёбиҳо дар рисола якчанд камбудиҳо ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои беҳтар шудани сифати рисола аз манфиат холӣ нестанд:

1. Хуб мешуд ашъори ба зодгоҳаш бахшидаи Озарахш бо шеърҳои ба ин мавзуъ бахшидаи Қутби Кином муқоиса мегардид.
2. Ба фикри мо агар фасли панҷуми боби дуюми рисола «Навпардозиҳои шоир дар шеърҳои озод ва андешарезаҳо» бо ибораи «Ҳунари шоирии Озарахш дар шеъри озод ва андешарезаҳо» иваз карда шавад, беҳтар мешуд.
3. Дар баъзе ҷойҳои матни автореферат иштибоҳоти китобат, имлою техникӣ, бе зурат гузоштани аломати нуқта "." пас аз таъйини вазни шеър дар саҳ. 15; навиштани вожаи истилоҳии "арӯз" дар шакли "аруз" дар саҳ. 15, часпидани ҳарфҳо дар саҳ.12, 13, 14 ва ғайра ба чашм мехурад.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии автореферати диссертатсияи мазкурро кам намесозанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» бо мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмуну мундариҷаи диссертатсияро бапуррагӣ ифода мекунад ва он маҷмуан, таҳқиқоти комилу баанҷомрасида буда, муаллифаш сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

Номзади илмҳои филология,
мудири шуъбаи адабиёти муосири
Институти забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ Беҳрӯзи Забеҳулло

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – 21
Телефон: ((+992) 554116868
E-mail: bekhruz-68@mail.ru

Имзои Беҳрӯзи Забеҳулло Саидхоҷаро тасдиқ мекунам:

Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти ба
номи А. Рӯдакии АМИТ Ҳилола Нарзиқулова
03.05.2024.

ШУЪБАИ КАДРҲО